**МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2017

ДУШАНБЕ – 2018

## МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** ............................................................ 4

**I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2017**

1.1. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ...................... 6

1.2. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон........................................................ 13

1.3. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон............................................................ 17

Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ................................................ 20

1.4. Фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ........................................................................................ 21

1.5. Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ........................................................................................ 23

1.6. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ ....... 26

**II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ........................................... 27

2.2. Таъмини ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ........................................................................ 31

2.3. Риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ .................. 35

2.4. Баробарии гендерӣ ..................................................... 40

2.5. Пешгирии зӯроварӣ дар оила .................................... 44

2.6. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ..... 46

2.7. Ҳуқуқи маъюбон ........................................................ 52

ХОТИМА ………………………………………………… 58

# ПЕШГУФТОР

Соли 2017 халқи Тоҷикистон 20-солагии бузургтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ – Ваҳдати миллиро таҷлил намуд. Ваҳдати миллӣ саҳифаи нави таърихи тоҷикон ба шумор рафта, барои бунёдкорӣ ва созандагӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон замина гузошт.

Дар ин сол Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ бо иқдому ташаббусҳои муносиб, тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ дар асоси сиёсати дарҳои боз, баргузории чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, муҳокимаҳои шаффофу ошкоро оид ба масоили мухталифи ҷаҳони муосир, аз ҷумла волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон дар маркази таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошт.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВҲИ) низ ҷиҳати мусоидат ба ин равандҳо дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма барои риоя, ҳифз, эҳтиром ва пешбурди ҳуқуқҳои инсон чораандешӣ намуд.

Бо натиҷагирӣ аз фаъолияти мақомот дар соли 2017 ва дар асоси таҳлили вазъи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон, пешрафту дастовардҳо ва мушкилоту норасоиҳои самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 таҳия шудааст.

Маърӯза аз пешгуфтор, ду қисм ва хотима таркиб ёфтааст. Дар қисми якуми Маърӯза фаъолияти мақомоти ВҲИ дар самти қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ ва таъминоти молиявӣ дар соли 2017 таҳлил ва баррасӣ гардида, маълумоти муфассал пешниҳод карда шудааст.

Қисми дуюми Маърӯза масъалаҳои ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва ҳуқуқи маъюбонро дар бар гирифтааст.

Зимни таҳияи Маърӯза ба натиҷаҳои фаъолияти амалии мақомоти ВҲИ, баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти дахлдори давлатӣ, мушкилоти инъикоснамудаи васоити ахбори омма такя намуда, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ҳар як самти баррасигардида тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар маърӯзаҳои солонаи ВҲИ пешниҳод шудаанд, чораҳои заруриро меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

Бо ин мақсад тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маърӯзаи навбатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

# I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2017

## 1.1. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Соли 2017 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (минбаъд - ВҲИ) 3864 адад (с. 2016 - 3558) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз онҳо 739 адад хаттӣ ва 3125 адад мурочиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора 571 адад (с. 2016 - 508 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 3293 адади боқимонда (с. 2016 - 3050 адад) дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ба қайд гирифта шуданд.

Аз 571 адад мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 252 адад (с. 2016 - 235) аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 319 адад (с. 2016 - 273) мурочиатҳои шифоҳӣ мебошанд.

Мурочиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда:
аз минтақаҳои ҷумҳурӣ:

- сокинони шаҳри Душанбе 112 адад ё 44,8% (с. 2016 - 100);
- сокинони вилояти Хатлон 38 адад ё 14,8% (с. 2016 - 27);
- сокинони вилояти Суғд 41 адад ё 16% (с. 2016 - 43);
- сокинони ВМКБ 1 адад ё 0,4% (с. 2016 - 1);
- сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 39 адад ё 15,6% (с. 2016 - 50 адад);

аз хориҷи кишвар:

- аз Ҷумҳурии Федеративии Олмон 1 адад ё 0,4%;
- аз Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия 10 адад ё 4% (с. 2016 - 10 адад);
- аз Ваколатдори ҳуқуқ инсони Украина 1 адад ё 0,4%;
- аз муассисаҳои ислоҳии Федератсияи Россия 2 адад ё 0,8%;
- аз ТҶ "Вера-Надежда-Любовь" (ФР) 2 адад ё 0,8%;

аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо:

- аз Сарраёсати консулии ВКХ 1 адад ё 0,4%;

– аз Тавқифгоҳи тафтишотии КДАМ 1 адад ё 0,4%;
– аз муассисаҳои ислоҳии СРИҶҶ ВА ҶТ 1 адад ё 0,4%;
– аз Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон 1 адад ё 0,4%;
– аз ВАО 1 адад ё 0,4%.

Воридшавии муроҷиатҳо аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе (12) ва вилояти Хатлон (11) зиёд шуда, аз ҷониби сокинони вилояти Суғд (2) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (11) кам шудааст.

Муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:
– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 39 адад ё 15,6% (с. 2016 - 40);
– ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 23 адад ё 9,2% (с. 2016 - 32);
– ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 10 адад ё 4% (с. 2016 - 8);
– ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 6 адад ё 2,4% (с. 2016 - 7 адад);
– ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ – 5 адад ё 2% (с. 2016 - 1);
– ҳуқуқи даъват ба хизмати ҳарбӣ – 4 адад ё 1,6% (с. 2016 - 3);
– ҳуқуқ ба рафтуомади озод дар ҳудуди дигар давлат – 3 адад ё 1,2%;
– ҳуқуқи гурезаҳо – 2 адад ё 0,8% (с. 2016 - 1);

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:
– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 17 адад ё 10,4% (с. 2016 - 13);
– ҳуқуқ ба манзил – 41 адад 16,4% (с. 2016 - 42);
– ҳуқуқ ба меҳнат – 12 адад ё 4,8% (с. 2016 - 9);
– ҳуқуқ ба замин – 10 адад ё 4% (с.2016 - 7);
– ҳуқуқ ба моликият – 12 адад ё 4,8% (с. 2016 - 8);

– ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 6 адад ё 2,4%; (с. 2016 - 6);
– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ – 4 адад ё 1,6%;
– ҳуқуқ ба саломатӣ – 6 адад ё 2,4% (с. 2016 - 2);
– ҳуқуқ ба таҳсил – 2 адад ё 0,8% (с. 2016 - 7);
– ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил – 2 адад ё 0,8%;
– ҳуқуқ ба мурожиат – 2 адад ё 0,8%;
– ҳуқуқ ба мерос – 1 адад ё 0,5% (с. 2016 - 2);
– ҳуқуқ ба алимент – 9 адад ё 3,5% (с. 2016 - 7);
– ҳуқуқ ба фардият – 2 адад ё 0,8% (с. 2016 - 4);
– ҳуқуқ ба робитаи оилавӣ – 1 адад ё 0,5%.

в) дигар ҳуқуқҳо:
– дигар ҳуқуқҳо – 33 адад ё 12,4% (с.2 016-8).

Дар соли 2017 дар муқоиса ба соли 2016 теъдоди мурожиатҳо нисбат ба ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (13), ҳуқуқ ба меҳнат (3), ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (2), ҳуқуқ ба замин (3), ҳуқуқ ба моликият (4), ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ (4) ва ҳуқуқ ба саломатӣ (4) зиёд шуда, мурожиатҳо оид ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (1), ҳуқуқ ба манзил (1), ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (9) кам гардидаанд.

Аз 252 адад (с.2016 - 235 адад) мурожиатҳои хаттии шаҳрвандон, ки дар Дастгоҳи марказӣ баррасӣ гардидаанд, нисбат ба қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:
– мақомоти судӣ – 69 адад ё 27,6% (с. 2016 - 81);
– Прокуратура – 8 адад ё 3,2% (с. 2016 - 10);
– Вазорати корҳои дохилӣ – 23 адад ё 9,2% (с. 2016 - 27);
– Вазорати маориф ва илм – 4 адад ё 1,6% (с. 2016 - 3);
– Вазорати адлия – 21 адад ё 8,4% (с. 2016 - 15);
– Вазорати мудофиа – 3 адад ё 1,2% (с. 2016 - 3);

– Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 5 адад ё 2,0% (с. 2016 - 1);

– Вазорати фарҳанг 1 адад ё 0,4%;

– КДАМ – 4 адад ё 1,6% (с. 2016 - 4);

– Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ФР – 1 адад ё 0,4%;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 3 адад ё 1,2% (с. 2016 - 12);

– мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот – 1 адад ё 0,4% (с.2016 - 2);

– шахсони мансабдор – 2 адад ё 0,8%;

– шахсони воқеӣ – 5 адад ё 2,0% (с. 2016 - 11);

– шахсони ҳуқуқӣ – 14 адад ё 5,6% (с. 2016 - 12);

– мақомоти давлатии дигар давлатҳо – 8 адад ё 3,2% (с. 2016 - 5);

– дигар масъалаҳо (мусоидаткунӣ) – 80 адад ё 31,2% (с. 2016 - 37 адад).

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2017 дар қиёс ба соли 2016 шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба мақомоти адлия, маориф ва илм, тандурустӣ ва мақомоти дигар давлатҳо бештар шикоят намудаанд. Шикоятҳо нисбат ба мақомоти судӣ, прокуратура ва корҳои дохилӣ кам шудаанд.

Дар ин давра дар Дастгоҳи марказии ВҲИ 10 адад муроҷиатҳои хаттии такрорӣ ба қайд гирифта шуда, тибқи тааллуқдориашон 5 адад ба мақомоти судӣ, 3 адад ба мақомоти прокуратура, 1 адад ба мақомоти корҳои дохилӣ ва 1 адад ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шуданд.

Ҳамчунин соли 2017 дар Дастгоҳи марказии ВҲИ 319 адад (с. 2016 - 273) муроҷиатҳои шифоҳӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Тибқи таснифот мурочиатҳои шифоҳии бақайдгирифташуда ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 33 адад ё 10,3% (с. 2016 - 25);
- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 20 адад ё 6,2% (с. 2016 - 16);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 7 адад ё 2,1% (с. 2016 - 6);
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 8 адад ё 2,5% (с. 2016 - 3);
- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ – 5 адад ё 1,5%;
- ҳуқуқи даъват ба хизмати ҳарбӣ – 2 адад ё 0,6% (с. 2016 - 1);
- ҳуқуқ ба ҳимоя – 2 адад ё 0,6%;
- ҳуқуқи беморони руҳӣ – 2 адад ё 0,6%;

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ:

- ҳуқуқ ба таъминоти ичтимоӣ – 35 адад ё 11% (с. 2016 - 24);
- ҳуқуқ ба алимент – 13 адад ё 4,1% (с. 2016 - 11);
- ҳуқуқ ба мурочиат – 25 адад ё 7,8% (с. 2016 - 35);
- ҳуқуқ ба манзил – 37 адад ё 11,5% (с. 2016 - 43);
- ҳуқуқ ба меҳнат – 17 адад ё 5,3% (с. 2016 - 11);
- ҳуқуқ ба моликият – 10 адад ё 3,1% (с. 2016 - 21);
- ҳуқуқ ба фардият – 10 адад ё 3,1%;
- ҳуқуқ ба замин – 10 адад ё 3,1% (с. 2016 - 7);
- ҳуқуқ ба таҳсил – 9 адад ё 2,8% (с. 2016 - 12);
- ҳуқуқ ба васояту парасторӣ – 5 адад ё 1,5% (с. 2016 - 2);
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 5 адад ё 1,5% (с. 2016 - 5);
- ҳуқуқ ба робитаи оилавӣ – 10 адад ё 3,1%;
- ҳуқуқ ба мерос – 1 адад ё 0,3%;
- ҳуқуқи муҳочирони меҳнатӣ – 2 адад ё 0,6% (с. 2016 - 3);

в) ҳуқуқҳои дигар:

– дигар ҳуқуқҳо – 51 адад ё 15,9% (с. 2016 - 23).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муроҷиатҳои шифоҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соли 2017 дар муқоиса ба соли 2016 нисбати ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (24), ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (8), ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (4) бештар ва нисбати ҳуқуқ ба муроҷиат (10), ҳуқуқ ба манзил (6) ва ҳуқуқ ба моликият (11) кам гардидаанд.

Дар муроҷиатҳои шифоҳии ба мақомот воридшуда шаҳрвандон нисбат ба қарор ё амали (беамалии) субъектони зерин шикоят кардаанд:

- мақомоти судӣ – 42 адад ё 13,1% (с. 2016 - 50);
- Прокуратура – 2 адад ё 0,6% (с. 2016 - 3);
- Вазорати корҳои дохилӣ – 34 адад ё 10,6% (с. 2016 - 30);
- Вазорати адлия – 9 адад ё 2,82% (с. 2016 - 4);
- Вазорати маориф ва илм – 8 адад ё 2,5% (с. 2016 - 8);
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 5 адад ё 1,5% (с. 2016 - 7);
- КДАМ – 3 адад ё 0,94% (с. 2016 - 2);
- бонкҳо – 2 адад ё 0,6%;
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 8 адад ё 2,5% (с. 2016 - 7);
- Фурудгоҳи байналмилалии ш.Душанбе – 1 адад ё 0,3%;
- шахсони мансабдор – 1 адад ё 0,3% (с. 2016 - 1);
- шахсони воқеӣ – 33 адад ё 10,3% (с. 2016 - 9);
- шахсони ҳуқуқӣ – 9 адад ё 2,82%;
- мусоидат дар ҳалли дигар масъалаҳо – 162 адад ё 50% (с. 2016 - 54).

Дар муроҷиатҳои шифоҳии худ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба мақомоти судӣ, корҳои дохилӣ, адлия, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бештар шикоят кардаанд.

Дар Дастгоҳи марказии мақомот соли 2017 60 адад ё 10,5% (с. 2016 – 49) мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (аз ҷумла, 41 (с.2016 – 26) мурожиати хаттӣ ва 19 (с. 2016 - 23) мурожиати шифоҳӣ) мусбат ҳал гардиданд.

Масалан, бо мусоидати мақомоти ВҲИ шаҳрванд Ҳ.У., ки ғайриқонунӣ аз кор озод карда шуда буд ба ҷои кори пештарааш барқарор карда шуд, шаҳрванд Т.М. аъзои оилаи молик эътироф гардида, дар манзили истиқоматиаш ба қайд гирифта шуд, шаҳрванд С.К. дар МД «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» бистарӣ ва ба ӯ ёрии тиббии ройгон расонида шуд, шаҳрванд А.С. барои воридшавӣ ба қаламрави ФР иҷозат гирифт, шаҳрвандон Х.Т. ва З.М. бинобар надоштани манзили истиқоматӣ ба рӯйхати навбати аввали эҳтиёҷмандон барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ворид карда шуданд, ба шаҳрванди ФР Н.В. маълумотномаи тасдиққунандаи фаъолияти меҳнатӣ ва музди меҳнат ва ба шаҳрванди Украина Ж.Н. нусхаи шаҳодатномаи таваллуд дастрас карда шуд, пардохти нафақаи маъюбии маҳкумшуда Н.Р. дубора барқарор карда шуд.

Дар соли 2017 аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 3293 адад (с. 2016 - 3050) мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо мурожиатҳои хаттӣ 487 адад (с. 2016 - 376) ва мурожиатҳои шифоҳӣ 2806 адад (с. 2016 - 2674)-ро ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот мурожиатҳои хаттие, ки аз тарафи намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ баррасӣ шудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд taаллуқ доранд:

а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ:

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 75 адад ё 15,4% (с. 2016 - 60);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 23 адад ё 4,7% (с. 2016 - 23);
- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ – 31 адад ё 6,3% (с.2016 - 30);

б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:

– ҳуқуқ ба мерос – 29 адад ё 6% (с. 2016 - 30);
– ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 88 адад ё 19% (с. 2016 - 66);
– ҳуқуқ ба меҳнат – 28 адад ё 5,7% (с. 2016 - 14);
– ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – 100 адад ё 20,5% (с. 2016 - 35);
– ҳуқуқ ба манзил – 43 адад ё 8,8% (с. 2016 - 32);
– ҳуқуқ ба замин – 24 адад ё 5% (с. 2016 - 35);
– ҳуқуқ ба алимент – 46 адад ё 9,4% (с. 2016 - 21).

Таҳлили муроҷиатҳои ба намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ воридгардида нишон медиҳад, ки нисбат ба соли 2016 сокинони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ доир ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (15), ҳуқуқ ба меҳнат (14), ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (65) ҳуқуқ ба манзил (11) ва ҳуқуқ ба алимент (25) бештар муроҷиат кардаанд.

Ҳамаи аризаву шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти ВҲИ бо риояи муҳлатҳои муқарраршудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд.

## 1.2. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон кормандони мақомоти ВҲИ дар соли 2017 лоиҳаи 58 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, нисбати 38 лоиҳаи қонун, 1 лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ, 10 лоиҳаи Қарори Ҳукумати ҶТ, 1 лоиҳаи Фармоиши Ҳукумати ҶТ, 1 лоиҳаи Стратегия, 2 лоиҳаи Оиннома ва 5 лоиҳаи Консепсия хулосаҳо омода ва ирсол намуданд.

Лоиҳаҳо аз мақомоти зерин ворид гардидаанд:

- ДИП ҶТ – 8 адад (лоиҳаи қарорҳои ҲҶТ);
- Вазорати адлия – 15 адад (12 лоиҳаи Қонуни ҶТ, 1 лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ, 2 лоиҳаи Консепсия);
- Вазорати корҳои дохилӣ – 21 адад (20 лоиҳаи Қонуни ҶТ, 1 лоиҳаи қарори ҲҶТ);
- Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ – 1 адад (лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ);
- Прокуратураи генералӣ – 3 адад (лоиҳаи Қонуни ҶТ);
- Вазорати маориф ва илм – 1 адад (лоиҳаи Қонуни ҶТ);
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 2 адад (лоиҳаи Оиннома);
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ – 2 адад (лоиҳаи Қарори ҲҶТ, лоиҳаи Фармоиши ҲҶТ);
- Академияи илмҳо – 1 адад (лоиҳаи Консепсия);
- Шӯрои ҷамъиятии ҶТ – 3 адад (1 лоиҳаи Қонуни ҶТ, 2 лоиҳаи Консепсия);
- Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия – 1 адад (лоиҳаи Стратегия).

Аз ҷумла, ба лоиҳаи қонунҳои ҶТ «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодеси ҷиноятии ҶТ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодеси мурофиавии граждании ҶТ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои Президенти ҶТ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ветеранҳо», «Оид ба ворид намудани тағйиру

иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ҳуқуқи инсон дар ҶТ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти риэлторӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», лоиҳаи Қарорҳои Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон», «Дар бораи Дастури Ҳукумати ҶТ», «Дар бораи тасдиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, ташкилот, муассиса ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 ва ба дигар лоиҳаҳо хулоса дода шуданд.

Дар давоми соли 2017 бо дарназардошти дар таҳрири нав тасдиқ гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи коргузорӣ ва тартиби баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ санадҳои дохилии мақомоти ВҲИ ба онҳо мутобиқ карда шуданд. Аз ҷумла, дар ин давра Дастурамали коргузорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Дастурамали тартиби баррасиии мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсоз ва коршиносони назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Низомномаи қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии назди қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Низомномаи комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Инчунин дар ин давра ВҲИ ва кормандони Дастгоҳи он дар фаъолияти 29 гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд.

Фаъолияти кормандони ВҲИ дар гурӯҳҳои корӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, иҷрои Нақшаи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017, Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ, Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва ғайраҳо самаранок буданд.

Тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кори Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва бо супориши ВҲИ бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2017 57 санҷишу мониторинг (35 санҷиш ва 22 мониторинг) (с. 2016 - 68) гузаронида шуданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти ВҲИ дар 18 (с. 2016 - 16) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Соли 2017 оид ба фаъолияти мақомоти ВҲИ ва паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои инсон 119 адад (с.2016 – 86 адад) маълумотнома ва ахбору гузоришҳо ба мақомоту идораҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

– ДИП ҶТ – 71 адад (с. 2016 - 51);
– Прокуратураи генералӣ – 9 адад (с. 2016 - 2);
– Вазорати адлия – 2 адад (с. 2016 - 7);
– Вазорати корҳои дохилӣ – 2 адад (с. 2016 - 2);
– Вазорати корҳои хориҷӣ – 5 адад (с. 2016 - 1);
– Вазорати маориф ва илм – 1 адад;
– Вазорати мудофиа – 1 адад;
– Вазорати энергетика ва захираҳои об – 1 адад;
– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ – 1 адад;
– Кумитаи давлатии амнияти миллӣ – 2 адад;

- Кумитаи кор бо занон ва оила – 5 адад;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 1 адад;
- Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ – 16 адад (с. 2016 - 16);
- Шӯрои ҷамъиятии ҶТ – 1 адад;
- Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждан̣ӣ – 1 адад.

### 1.3. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад.

Соли 2017 бо дарназардошти дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати густариш додани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, ки дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 ифода шудааст, як қатор корҳо ба сомон расонида шуданд.

Барои расидан ба ин ҳадаф аз воситаҳои гуногун, аз қабили вохӯрию мулоқот бо аҳолӣ, семинару тренингҳои омӯзишӣ, баромад дар телевизион ва радио, нашри мақола, чоп ва паҳн намудани маводи ҳуқуқии иттилотӣ ва дигар воситаҳо васеъ истифода бурда шуданд.

Роҳбарият ва кормандони мақомот соли 2017 дар воситаҳои ахбори омма 273 (с. 2016 - 234) маротиба баромад ва мақола чоп намуданд, ки паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқҳои инсонро дар бар гирифта, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуданд. (Нигаред ба диаграмма).




Аз ҷумла, дар асоси Нақшаи баромадҳои роҳбарият ва кормандони мақомоти ВҲИ ҳамкориҳо бо Радиои «Тоҷикистон», Радиои «Овози тоҷик», Радиои «Ховар», Радиои «Садои Душанбе» ва ТВ «Ҷаҳоннамо» идома дода шуданд.

Вохӯрӣ бо табақаҳои гуногуни ҷомеа тақвият дода шуд. Соли 2017 кормандони мақомот 225 маротиба вохӯриҳо ва машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузарониданд, ки дар онҳо зиёда аз 30 000 нафар иштирок доштанд. Дар вохӯриҳо оид ба дастовардҳои Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ дар самти ҳуқуқҳои инсон ва фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак маълумоти муфассал дода шуданд.

Аз ҷумла, «Соли ҷавонон» эълон гардидани соли 2017, дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонони лаёқатманд ва хусусан

духтарон аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, пешгирии ҷиноятжкорӣ ва шомилшавии ҷавонону наврасон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундраву ифротгаро, эҳтироми қонун, қоидаҳои дохилимактабӣ, омӯзгорон ва падару модарон аз ҷониби кӯдакон мавзӯъҳои асосии вохӯриҳо буданд.

Соли 2017 санаи 3-юми феврал ва 3-юми август бо иштироки доираи васеи кормандони ВАО нишасти матбуотии ВҲИ баргузор гардида, муҳтавои он дар телевизион, радио, матбуоти даврӣ ва интернет инъикос карда шуд.

Бо ибтикори мақомоти ВҲИ 39 (с.2016 - 33) мизи мудаввар гузаронида шуданд. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқ инсон дар доираи Ҳафтаи ҳуқуқи инсон чорабиниҳои мухталиф гузаронида шуданд.

Рӯзи 4-уми декабр дар мавзӯи «Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар соли 2017: натиҷаи вохӯриҳо, қабули шаҳрвандон ва мониторинги фаъолияти мактаб-интернатҳо» мизи мудаввар гузаронида шуд.

Санаи 5-уми декабр дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО дар мавзӯи «70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон – ҳуҷҷати муҳими асри ХХ» мизи мудаввар доир карда шуд.

Инчунин дар хиёбонҳои асосии шаҳри Душанбе ҷиҳати ташвиқу тарғиби дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон навиштаҷот ва видеороликҳо гузошта шуданд.

Дар ҳамкорӣ бо Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии афсарон ва сарбозони қисмҳои ҳарбии шаҳрҳои Хоруғ ва Исфара, ноҳияҳои Мурғоб, Рашт ва Шаҳритус дар мавзӯъҳои «Роҳҳои пешгирии экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон», «Пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ»

ва «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ» семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Оид ба чорабиниҳои баргузоршуда дар сомонаи интернетии ВҲИ, саҳифаи ВҲИ дар шабакаи иҷтимоии «Facebook», сомонаи АМИТ «Ховар» хабару гузоришҳо ҷой дода шуданд.

Илова бар ин соли 2017 сомонаи ВҲК таъсис дода шуд, ки дар он оид ба фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, сиёсати давлатӣ, санадҳои милливу байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак маълумот ҷойгир карда шудааст.

Таҳия, нашр ва паҳн намудани маводи иттилоотӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун василаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аз ҷониби мақомоти ВҲИ васеъ истифода бурда мешаванд.

Соли 2017 5 шумораи маҷаллаи «Ахбори ВҲИ ҶТ» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо теъдоди 5000 нусха, Кодекси ҷиноятии ҶТ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо теъдоди 500 нусха, Китобчаи кисагӣ барои сарбозон ва афсарони қисмҳои ҳарбӣ бо теъдоди 100 нусха, Маърӯзаи ВҲИ барои соли 2016 бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ бо теъдоди 300 нусха ва дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Ҳамкории фаромарзӣ ба хотири сулҳи устувор ва рушд» буклетҳои «Намояндагиҳои ВҲИ», «Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ», «Ҳуқуқ ба мурочиат», «Низоми сарҳади давлатии ҶТ» ва «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» бо теъдоди 5000 нусха нашр ва дастрас карда шуд.

### Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020

Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2012 қабул гардидааст, фарогири таълими соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии муаллимон, судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбии ҳамаи сатҳҳо

буда, айни замон марҳилаи дуюми он (солҳои 2015-2018) амалӣ шуда истодааст.

Дар доираи иҷрои марҳилаи дуюми Барномаи мазкур аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ барои омӯзиши фанни «Ҳуқуқи инсон» 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардида, дар вазорату идораҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар соли 2017 аз ҷониби ВҲИ як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, «Маҷмӯи маводҳо барои дарсҳои ҳуқуқи инсон» барои синфҳои 10 ва 11 ба забони давлатӣ тарҷума ва ба чоп омода карда шуд.

Дар заминаи «Мактаби ҳуқуқи инсон» рӯзҳои 18-22 декабри соли 2017 барои 18 нафар кормандони вазорату идораҳои дахлдор бо иштироки коршиносони милливу байналмилалӣ тренинги омӯзишии якҷояи ВҲИ ва Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуданд. Ҳадафи асосии тренинг омода намудани тренерон барои муассисаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати минбаъд аз ҷониби онҳо гузаронидани тренингҳои мақсаднок мебошад.

## 1.4. Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ

Мутобиқи моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои мусоидат ҷиҳати амалӣ кардани ваколатҳои ВҲИ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ин асос, дар маркази ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд намояндагиҳои ВҲИ ва дар шаҳрҳои Турсунзода, Кӯлоб, Исфара, Роғун ва ноҳияҳои Рашту Қубодиён қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ таъсис дода шуданд.

Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ва пеш аз ҳама ба табақаҳои осебпазири он ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд.

Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ҷиҳати қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба онҳо фаҳмонидани шаклу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттилоотонии ҷомеа дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, расонидани маслиҳати ройгони ҳуқуқӣ ба муроҷиаткунандагон, ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо мусоидат менамоянд.

Айни замон қабулгоҳҳои ҷамъиятии шаҳрҳои Кӯлоб, Роғун ва ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби маблағҳои грантии Барномаи Рушди СММ, қабулгоҳҳои ҷамъиятии Турсунзода ва Рашт аз ҳисоби маблағҳои грантии ТҶБ «ҲЕЛВЕТАС», Қабулгоҳи ҷамъиятии шаҳри Исфара ва як воҳиди кории шартномавӣ дар Намояндагии ВҲИ дар вилояти Суғд аз ҳисоби маблағҳои грантии Хазинаи сулҳофарии СММ тавассути Барномаи Рушди СММ маблағгузорӣ мешаванд.

Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагиҳои созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон, намояндагони ВАО ва фаъолони ҷомеа ҳамкории хубу созандаро ба роҳ монда, дар минтақаҳои фаъолияташон шинохта шудаанд.

| № | Намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ | Баррасии муроҷиатҳо: | | Баромадҳо дар ВАО: | | | Гузаронидани машварати сайёр | Иштирок дар дигар чорабиниҳо | Иштирок дар мурофиаҳои судӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | хаттӣ | шифоҳӣ | тв | радио | мақола | | | |
| 1 | Намояндагӣ дар ВМКБ | 68 | 273 | 6 | 1 | 1 | 13 | 31 | 2 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Намояндагӣ дар вилояти Хатлон | 61 | 352 | 5 | | 2 | 10 | 21 | 1 |
| 3 | Намояндагӣ дар вилояти Суғд | 57 | 265 | 4 | 2 | 2 | 34 | 35 | |
| 4 | ҚҶ дар шаҳри Турсунзода | 66 | 388 | | 9 | 2 | 20 | 10 | |
| 5 | ҚҶ дар шаҳри Кӯлоб | 102 | 320 | | | | 29 | 13 | |
| 6 | ҚҶ дар шаҳри Исфара | 33 | 291 | | | | 36 | 33 | |
| 7 | ҚҶ дар шаҳри Роғун | 59 | 240 | 2 | 1 | 2 | 18 | 23 | 3 |
| 8 | ҚҶ дар ноҳияи Рашт | 20 | 429 | 1 | 1 | | 48 | 36 | 10 |
| 9 | ҚҶ дар ноҳияи Қубодиён | 21 | 248 | | 1 | | 17 | 19 | 2 |

Омори фаъолияти сохторҳои маҳаллии мақомоти ВҲИ

Дар доираи ин ҳамкориҳо соли 2017 намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 225 (с. 2016 - 144) машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузарониданд, ки дар онҳо зиёда аз 30 000 нафар иштирок намуданд. Ҳамчунин намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар кори 221 (с. 2016 - 106) мизҳои мудаввар ва семинарҳо иштирок намуданд. Дар ин чорабиниҳо паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва нақши мақомот дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон матраҳ гардиданд.

Ҷиҳати такмил додани малакаи корӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ кормандони намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ пайваста ба тренингу семинарҳои омӯзишӣ фаро гирифта мешаванд.

### 1.5. Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва ВАО ҳамкориҳои судманд дорад.

Ин ҳамкориҳо дар доираи салоҳияту ваколатҳои тарафҳо, баррасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ намудани нақшаҳои якҷояи дорои хусусияти барномавӣ ва стратегидошта, гурӯҳҳои корӣ оид ба самтҳои ҳуқуқи инсон ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ба роҳ монда шудаанд.

Дар ин робита, ҳамкориҳо хусусан бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, вазоратҳои адлия, корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, мудофиа, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва дигарон қобили қайд аст.

Ҳамчунин ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба монанди Барномаи Рушди СММ, Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират, Хазинаи нуфуси СММ, СММ-Занон, Хазинаи кӯдакони СММ, Дафтари барномаҳои САҲА, Иттиҳоди Аврупо, ТҶБ «ҲЕЛВЕТАС», «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», «Марказ оид ба ҳуқуқи инсон» ва дигарон густариш меёбанд.

Дар доираи ин ҳамкориҳо кормандони мақомот дар 77 (с. 2016 - 83) чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иштирок намуданд.

Дар ин давра бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо аз тарафи роҳбарияти мақомот ва кормандони Дастгоҳи он бо намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносони байналмилалӣ 43 (с. 2016 - 40) вохӯриву мулоқотҳо анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, санаи 29 сентябр З.Ализода - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хонум Пратибҳа Меҳта – Ҳамоҳангсози доимии СММ ва Намояндаи доимии Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон ва ҷаноби Ян Харфст – Директори кишварии Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон вохӯрӣ намуд. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо атрофи масъалаҳои фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва нақши он дар амалисозии ҳадафи 16-уми Ҳадафҳои рушди устувори СММ – сулҳ, адолати судӣ ва ниҳодҳои самарабахш табодули назар намуданд.

Хонум Пратибха Меҳта нақши мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, пешгирии омилҳои номатлуби ҷомеа, аз қабили терроризм ва экстремизм, таъмини волоияти қонун, амалисозии барномаву стратегияҳои давлатӣ, мусоидат ба ҳамкории давлат ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим арзёбӣ намуд.

Чунин як вохӯрӣ бо иштироки Р.Ҳабибулозода – муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаноби Лучиано Калестинӣ – Роҳбари Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ (UNICEF) дар Тоҷикистон баргузор гардид. Дар вохӯрӣ масъалаҳои таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак ва шароити мусоид барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак, салоҳият, ваколат ва фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак матраҳ гардиданд.

Дар доираи ҳамкории мақомоти ВҲИ бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 35 нафар донишҷӯёни солҳои таҳсили 4-ум ва 5-уми ихтисоси ҳуқуқи инсони факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ дар мақомот аз таҷрибаомӯзии пешадипломӣ ва истеҳсолӣ гузаштанд.

## 1.6. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ

Соли 2017 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 336 613 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2016 122 352 сомонӣ зиёд аст. Дар ин сол барои Дастгоҳи марказии ВҲИ ба маблағи 1 250 556 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои ВҲИ дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 86 057 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок истифода бурда шуданд.

Инчунин аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз ҳисоби Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн ба маблағи 65 730 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Кулоб, Роғун ва ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби Барномаи рушди СММ ба маблағи 110 892 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Исфара ва як воҳиди кории иловагии Намояндагии ВҲИ дар вилояти Суғд аз ҳисоби лоиҳаи «Ҳамкории наздисарҳадӣ барои дастрасӣ ба сулҳи устувор ва рушд» 110 307 сомонӣ ва барои гузаронидани мониторинги муассисаҳои будубоши доимӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби Хазинаи кӯдакони СММ дар ҶТ ба маблағи 46 618 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмуъ соли 2017 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 333 547 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 27% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.2. Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Тибқи Конститутсия ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси ботантана ба муносибати Рузи милитсия ба ин масъала дахл намуда, иброз доштанд: «бо дарназардошти арзиши олии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон қатъиян иброз менамоям, ки ҳеҷ як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ягон маврид ҳуқуқи истифодаи шиканҷа ва паст задани қадру қимати инсонро надорад. Бинобар ин, ба роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати огоҳии пурраи кормандон аз талаботи қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва пешгирии шиканҷа чорабиниҳои омӯзиширо тақвият бахшида, доир ба ҳар як ҳолати қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони мақомот қарорҳои қатъӣ қабул намоянд.».

Аз тарафи сохторҳои дахлдори СММ низ ба Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Вобаста ба ин масъалаҳо кормандони мақомоти ВҲИ соли 2017 дар шуъбаҳои ВКД дар ноҳияҳои Сино - 2 ва Фирдавсӣ - 2 шаҳри Душанбе, шуъбаҳои ВКД дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Роғун, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Данғара, Темурмалик,

Шаҳринав ва Файзобод бо ҳайати шахсии шуъбаҳои зикршуда дарсҳои омӯзишӣ гузаронида, дар бораи стандартҳои байналмилалии муносибат бо дастгиршудагон, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ ва тавсияҳои аз ҷониби сохторҳои СММ пешниҳодшуда ба онҳо маълумот доданд .

Соли сипаришуда ба мақомоти ВҲИ оид ба ҳолатҳои эҳтимолии истифодаи шиканҷа 8 мурочиати хаттӣ (с. 2016 – 9 мурочиат) ворид гардидааст.

Шаҳрвандон дар мурочиатҳо оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмонаи кормандони мақомоти таҳқиқу тафтиш шикоят менамоянд. Масалан, шаҳрванд И.С. ба мақомоти ВҲИ мурочиат намуда, нисбати амалҳои ғайриқонунии кормандони ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе шикоят кардааст. Шаҳрванд дар аризааш қайд менамояд, ки писараш С.Ҷ. аз тарафи 7 нафар корманди ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансур дастгир шуда, мавриди шиканҷа ва лату кӯб қарор гирифтааст. Шаҳрвандон Қ.Ш. ва Қ.Ҳ., сокинони ноҳияи Ашт ба мақомоти ВҲИ мурочиат намуда, нисбати амалҳои ғайриқонунии кормандони ШВКД дар ноҳияи Ашт шикоят кардаанд. Мурочиаткунандагон қайд менамоянд, ки писарашонро кормандони ШВКД дар ноҳияи Ашт дастгир намуда, мавриди лату кӯб қарор доданд.

Баъзе аз мурочиаткунандагон дар бораи ҳаматарафа, дақиқ баррасӣ нагардидани мурочиати онҳо вобаста ба истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона шикоят кардаанд. Масалан, шаҳрванд Д.Б. падари И.Б. дар бораи пурра ва ҳамаҷониба набурдани тафтишот оид ба истифодаи шиканҷа нисбати писараш шикоят кардааст.

Дигар мурочиатҳо низ бо ҳамин мазмун ба мақомоти ВҲИ ворид гардидаанд. Мурочиатҳои мазкур тибқи таалуқдориашон ба Прокуратураи генералии ҶТ ирсол карда шуданд. Дар асоси санҷишҳои прокурорӣ ваҷҳҳои дар мурочиатҳо овардашуда тасдиқи худро наёфтанд.

Баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки санҷиши саривақтӣ, дақиқ ва беғарази мурочиатҳо оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ беҳбудиро тақозо мекунад.

Яке аз механизмҳое, ки барои муқовимат бар зидди шиканҷа мусоидат мекунад, ниҳоди экспертизаи судӣ-тиббии мустақил мебошад. Оид ба омӯзиши имконияти таъсис додани ин ниҳод дар Нақшаи миллии амалҳо оид ба татбиқи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи Шарҳи умумии даврӣ чорабиниҳо пешбинӣ шудаанд. Ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи мазкур Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳои заруриро тибқи Протоколи Стамбулӣ барои кормандони тиббӣ таҳия намуд. Ҳамзамон кормандони тиббии дар ин самт фаъолиятбаранда ба омӯзиши стандартҳои байналмилалӣ тибқи Протоколи мазкур фаро гирифта шудаанд.

Новобаста аз чораҳои андешидашаванда дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ба назар мерасанд. Масалан, мувофиқи маълумоти Прокуратураи генералии ҶТ дар соли 2017 ба мақомот 21 мурочиат (с. 2016 - 17) оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона дохил шудааст.

Аз натиҷаи баррасӣ ва санҷиши аризаҳои мазкур 2 ҳолати истифодаи шиканҷа тасдиқ гардида, нисбати Ҳ.О. - сарнозири минтақавии ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, Ф.С. ва З.С. -ваколатдорони оперативии ШКҶ РВКД дар вилояти Хатлон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ дар соли 2017 нисбати 90 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба муносибати дағалона ва поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мурочиатҳо ворид гардидааст. Дар аксари ин мурочиатҳо оид ба ҳолатҳои ба хунукназарӣ роҳ додани шахсони масъул изҳори норозигӣ карда шудааст. Нисбати ҳар

як мурочиат санчиши хизматӣ гузаронида шуда, кормандони ба чунин амал роҳ дода ба ҷазоҳои гуногуни интизомӣ кашида шудаанд.

Ситонидани ҷуброни зарар яке аз воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагони шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона мебошад. Масъалаи мазкур дар асоси қарори қабулнамудаи мақомоти судӣ ҳаллу фасл мегардад. Дар соли 2017 якчанд парвандаҳо аз тарафи судҳои ҷумҳурӣ вобаста ба пардохти ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ баррасӣ карда шудааст. Масалан, ба Ш.М., ки соли 2014 ҳангоми адои хизмат дар яке аз қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ дар натиҷаи муносибати бераҳмонаи ҳамхизматонаш ба саломатии ӯ зарари вазнини ҷисмонӣ расонида шуда буд, суди ҳарбии шаҳри Душанбе 4 ҳазор сомонӣ ҷуброни зарари маънавӣ таъин намудааст.

Соли 2017 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати мусоидат дар пешгирии шиканҷа як қатор маводҳо, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии ҶТ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ – ро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар таҳрири нав бо теъдоди 500 нусха нашр карда, ба мақомоти дахлдор пешниҳод намуд.

Тибқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 барои судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудааст, ки дар доираи онҳо омӯзиши стандартҳои байналмилалии пешгирии шиканҷа ба роҳ монда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро ба тасвиб нарасонидааст. Сохторҳои дахлдори СММ ҷиҳати ба тасвиб расонидани Протоколи мазкур тавсияҳо пешниҳод намудаанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои**

**бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– таъмини тафтишоти саривақтӣ, ҳаматарафа ва беғаразонаи тамоми мурочиатҳо оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф;**

**– гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;**

**– ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зиддӣ шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва таъсис додани механизми миллии пешгирии шиканҷа.**

## 2.3. Таъмини ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Дар ҷумҳурӣ барои такмили низоми иҷрои ҷазо, боз ҳам беҳтар намудани вазъи нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, аз ҷумла таъминоти моддию маишии маҳкумшудагон дар доираи имкониятҳои мавҷуда чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия (минбаъд – СРИҶҶ ВА) соли 2017 таъмири ҷорӣ ҳамаи иншоотҳои истифодаи умуми муассисаҳои СРИҶҶ ВА ба анҷом расонида шуданд. Дар ин давра дар муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/4 бинои нави дуошёна барои маҳкумшудагон, дар МИ ЯС 3/6 бинои нав иборат аз 10 ҳуҷра ва 2 ошхона, дар МИ 3/2 бинои нав иборат аз 19 ҳуҷра сохта шуданд.

Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ ҳуқуқи маҳкумшудагонро ба ҳифзи саломатӣ, аз ҷумла дар асоси хулосаи тиббӣ ба гирифтани ёрии аввалияи тиббӣ кафолат додааст.

Соли 2017 4670 нафар маҳкумшудагон аз таҳлили тестӣ, 6315 нафар аз ташхиси тестии имунноферментӣ барои муайян намудани ВНМО гузаронида шуданд.

Дар доираи амалисозии “Стратегияи миллӣ оид ба ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил барои солҳои 2015-2020” дар муассисаҳои ислоҳӣ пайваста корҳои амалӣ анҷом дода шуда, маҳкумшудагони мубталои бемории сил зери назорати мутахассисон қарор мегиранд.

Дар давоми соли 2017 барои маҳкумшудагон оид ба пешгирӣ аз сироятшавии ВНМО ва бемориҳои сил семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуда, ба онҳо дар бораи роҳҳои пешгирии бемориҳои мазкур маводҳои иттилоотӣ пешниҳод гардиданд.

Ба меҳнати фоиданок ҷалб намудани маҳкумшудагон яке аз роҳҳои асосии ислоҳи онҳо мебошад. Дар самти амали шудани «Барномаи ташкили меҳнат ва рушди истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии ҶТ барои солҳои 2015-2020» якчанд намуд корҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда шуданд. Соли 2017 корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои иҷрои ҷазо ба маблағи 5 милиону 116 ҳазору 406 сомонӣ маҳсулоти ба талабот ҷавогӯй истеҳсол намуданд. Соли 2017 нахустнамоиши маҳсулоти истеҳсолшуда гузаронида шуд, ки дар он имкониятҳои корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои иҷрои ҷазо муаррифӣ гардиданд.

Қонунгузории миллӣ бо мақсади татбиқи принсипи инсондустӣ нисбати маҳкумшудагоне, ки бо рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ислоҳ шудани худро исбот менамоянд, чораҳои ҳавасмандгардонӣ пешбинӣ намудааст. Дар соли 2017 дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор барои пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан маводҳои 147 нафар маҳкумшудагон пешниҳод гардида, аз онҳо 144 нафарашон аз ҷониби судҳо қонеъ карда шудааст. Ҳамчунин дар асоси пешниҳоди муассисаҳои иҷрои ҷазо бо таъиноти суд ҷазои маҳрумӣ аз озодии 148 нафар маҳкумшуда ба ҷазои корҳои ислоҳӣ иваз карда шуда, 1189 нафар маҳкумшуда ба муассисаҳои сукунатӣ гузаронида шудааст.

Мусоидат ба риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида яке аз афзалиятҳои фаъолияти мақомоти ВҲИ буда, дар ин самт бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудааст.

Дар ин раванд соли 2017 Гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида оид ба риояи ҳуқуқҳои дастгиршудагон, маҳкумшудагон ва беморони руҳӣ 10 мониторинг гузаронид.

Мониторингҳо дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ЯС 3/8, ЯС 3/11 СРИҶҶ ВА, тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/6 СРИҶҶ ВА дар шаҳри Бохтар, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ШВКД дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Темурмалик, Ванҷ, дар Маркази вилоятии бемориҳои руҳии шаҳрҳои Кӯлоб ва Хуҷанд, Маркази ҷумҳуриявии байниноҳиявии бемориҳои асабу равонии шаҳри Турсунзода, Маркази вилоятии бемориҳои руҳии ВМКБ дар ноҳияи Рошткалъа гузаронида шуданд.

Ҳамчунин аз ҷониби кормандони ВҲИ фаъолияти муассисаи иҷрои ҷазои ЯС 3/4 СРИҶҶ ВА дар шаҳри Душанбе ва Маркази вилоятии бемориҳои руҳӣ дар шаҳри Кӯлоб мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Натиҷаи мониторинги муассисаҳои зикршуда ва нақшаҳои ояндаи Гурӯҳи мониторингӣ моҳҳои май ва ноябри соли 2017 дар машварати кории Гурӯҳи корӣ бо иштироки намояндагони мақомоти давлатии дахлдор ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таҳлил ва муҳокимаи ҳамаҷониба қарор гирифтанд.

Соли 2017 мақомоти ВҲИ дар якҷоягӣ бо СРИҶҶ ВА ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалишавии «Стратегияи миллии ҶТ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ЯС 3/1, ЯС 3/2, ЯС 3/4, ЯС 3/6 ва тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/1 СРИҶҶ ВА семинарҳои омӯзишӣ гузарониданд.

Дар ин давра ба Дастгоҳи ВҲИ аз ҷониби шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва хешу табори онҳо 18 (с.2016 - 12) муроҷиат

ворид шудааст. Мурочиаткунандагон асосан оид ба мусоидати ВҲИ барои мулоқоти маҳкумшудагон бо хешу табори наздикашон, гузаронидани онҳо аз тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ба муассисаҳои иҷрои ҷазо, пардохти нафақа, муайян намудани суроға ва ҷои зисти маҳкумшуда пас аз адои ҷазои ҷиноятӣ, гирифтани маълумотнома оид ба озод шудан аз ҷойи маҳруми аз озодӣ ва расонидан ёрии тиббӣ дархост намудаанд.

Масалан, шаҳрванд Ю.С. барои мусоидат намудан дар вохӯрии ӯ бо наберааш Ш.У., ки дар муассисаи ЯС 3/4 СРИҶҶ ВА адои ҷазо менамояд, мусоидат пурсидааст. Шаҳрванд Л.А. бошад, хоҳиш кардааст, ки фарзандаш Л.Д. аз тавқифгоҳи тафтишотӣ ба муассисаи иҷрои ҷазо гузаронида шавад. Дархостҳои мазкур дар ҳамкорӣ бо СРИҶҶ ВА тибқи қонунгузории амалкунанда ҳалли худро пайдо карданд.

Оид ба эҳтимолияти истифодаи шикаҷа дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба мақомоти ВҲИ 2 мурочиат ворид гардидааст. Масалан, аз мурочиати ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» бармеояд, ки гуё маҳкумшуда А.Х., ки дар муассисаи ЯС 3/2 СРИҶҶ ВА адои ҷазо менамояд, аз ҷониби кормандони муассисаи мазкур мавриди шиканҷа ва лату кӯб қарор гирифтааст. Ваҷҳҳои дар мурочиат овардашуда зимни санҷиши аз ҷониби кормандони ВҲИ гузаронишуда тасдиқи худро наёфтанд.

Дар мурочиати ТҶ «Эътилофи ташкилотҳои зидди шиканҷа дар Тоҷикистон» ба мақомоти ВҲИ омадааст, ки гуё кормандони Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/1 СРИҶҶ ВА нисбати маҳкумшуда Ё.Б. муносибати бераҳмонаро раво дидаанд. Дар рафти санҷиш кормандони ВҲИ бо маҳкумшуда Ё.Б. дар алоҳидагӣ суҳбат намуда, муайян карданд, ки нисбати маҳкумшуда Ё.Б. муносибати бераҳмона раво дида нашудааст ва ӯ дар ин бора ба ягон ҷой мурочиат накардааст.

Мониторинги муассисаҳои қисман пӯшида, аз ҷумла Маркази вилоятии бемориҳои руҳии шаҳрҳои Кӯлоб ва Хуҷанд, Маркази ҷумҳуриявии байниноҳиявии бемориҳои асабу

равонии шаҳри Турсунзода, Маркази вилоятии бемориҳои руҳии ВМКБ дар ноҳияи Роштқалъа нишон доданд, ки то ҳол баъзе камбудиҳо ҷой доранд.

Масалан, бинои Маркази вилоятии бемориҳои руҳии ВМКБ дар ноҳияи Роштқалъа садамавӣ буда, таъмири он ғайриимкон аст. Мавриди истифода қарор додани Беморхонаи нави замонавии ба талабот ҷавобгӯй моҳи сентябри соли 2018 пешбинӣ шудааст.

Дар Маркази ҷумҳуриявии байниноҳиявии бемориҳои асабу равонии шаҳри Турсунзода баъзе аз қисматҳои бино ба таъмир ниёз дошта, ҷойҳои сайру гашти беморон бо камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз нашудаанд.

Баъзе камбудиҳое, ки дар ҷараёни мониторинги Маркази вилоятии бемориҳои руҳии шаҳри Кӯлоб ошкор шуда буданд, бо тавсияи Гурӯҳи мониторингӣ бартараф карда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– омӯзонидани меъёрҳои байналмилалӣ ва миллии муносибат бо маҳбусон ба кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;**

**– идома додани мониторингҳои муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида.**

## 2.3. Риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ

Тибқи муқаррароти моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Тибқи қонунгузории миллӣ хизматчиёни ҳарбӣ аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода мебаранд, ба истиснои баъзе маҳдудиятҳо ва ухдадориҳое, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи

ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» муқаррар намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол ба сол шароити моддию иҷтимоӣ ва вазъи маишию фарҳангии хизматчиёни ҳарбӣ беҳтар мегарданд. Риояи қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, интизоми ҳарбӣ, инчунин тарбияи сиёсиву маънавии хизматчиёни ҳарбӣ имконият медиҳанд, ки ҳуқуқу озодиҳои ҳайати шахсӣ дар Қувваҳои мусаллаҳ таъмин карда шаванд. Қисмҳои ҳарбӣ бо шароити барои хизмат мусоид таъмин шуда, дорои инфрасохтори замонавӣ, аз қабили майдончаҳои варзишӣ, мағозаҳо ва бунгоҳҳои тиббии замонавӣ мегарданд.

ВҲИ низ дар доираи салоҳиятҳои худ ҷиҳати мусоидат ба таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва даъватшавандагон ҳамасола бо мақомоти дахлдор ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Соли 2017 бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиа, аз ҷумла қисмҳои ҳарбии 15426 дар ноҳияи Мурғоб, 02011 «г» дар ноҳияи Рашт, 02214 дар ноҳияи Шаҳритус ва 02267 дар шаҳри Исфара аз ҷониби Гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ мониторингҳо гузаронида шуданд. Дар рафти мониторингҳо шароити моддӣ-маишӣ, масъалаҳои эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ ва таҳқир дар байни сарбозони қисмҳои ҳарбӣ, зӯроварӣ ва таҳқир аз ҷониби ҳайати афсарон, худсарона баромада рафтан аз ҳудуди қисми ҳарбӣ, ҷалби сарбозон ба корҳои ба хизмати ҳарбӣ вобастанабуда мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Дар натиҷаи мониторинг маълум шуд, ки ҷойи хоби сарбозон ба талаботи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ буда, хизматчиёни ҳарбӣ бо сару либоси якхелаи босифат таъмин, ҳуҷраҳои маишӣ ва фароғатӣ, ҷойҳои дастурӯшуйӣ, ҷомашуйӣ бо воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Аз пурсишҳо бармеояд, ки роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва бартараф

намудани камбудиҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Малакаи касбӣ ва дониши хизматчиёни ҳарбӣ низ нисбати солҳои қаблӣ беҳтар гаштааст. Аз ҷумла, дар қисмҳои ҳарбӣ тибқи тавсияҳои Гурӯҳи мониторингӣ, дар ҷойҳои барои сарбозон дастрас гӯшаҳои иттилоотӣ бо нишон додани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи сарбозон, рақамҳои телефони роҳбарияти Вазорати мудофиаи ҶТ ва Прокуратураи ҳарбӣ насб гардиданд.

Ҳамасола мақомоти ВҲИ дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ бо сарбозон ва афсарони қисмҳои ҳарбӣ мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои омӯзишию маърифатӣ мегузаронад. Чунин чорабиниҳо дар соли 2017 дар қисмҳои ҳарбии 15426 дар ноҳияи Мурғоб, 02011 «г» ва «д» дар ноҳияи Рашт, 02214 дар ноҳияи Шаҳритус, 02267 дар шаҳри Исфара ва 02615 дар шаҳри Душанбе дар масъалаҳои ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ҳимояи Ватан ва таҳкими истиқлолият, пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ, пешгирии экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон баргузор шуданд.

Соли 2017 дар якҷоягӣ бо намояндаи Сарпрокуратураи ҳарбии ҶТ барои кормандони Прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳои Бохтар, Суғд, Душанбе ва Хоруғ низ дар масъалаҳои пешгирии муносибатҳои ғайриоиномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ва таҷрибаи фаъолияти Гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ чорабиниҳои маърифатӣ-ҳуқуқӣ гузаронида шуданд.

Дар баробари ин баъзе ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои оинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ҳангоми адои хизмат мушоҳида мешаванд. Тибқи маълумоти Вазорати мудофиа соли 2017 19 адад амалҳои вайрон кардани қоидаҳои оинномавӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон 11 ҳолати фавти хизматчиёни ҳарбӣ (дар натиҷаи беморӣ - 2 нафар, садамаи нақлиётӣ - 2 нафар, худкушӣ - 4 нафар, ҳолати фавқуллода - 1 нафар, лату куб - 1 нафар ва беному нишон

гумгашта - 1 нафар) ба амал омадааст. Шахсони ба ин кирдорҳо дастдошта ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашида шуда, нисбати баъзеяшон ҷазоҳои интизомӣ то аз вазифаи ишғолкардаашон озод кардан татбиқ гардидааст.

Соли 2017 аз тарафи судҳои гарнизонҳои ҳарбии ҷумҳурӣ якчанд парвандаҳо вобаста ба пардохти ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ аз рӯи даъвои ҷабрдидагон баррасӣ гардида, талаботи ҷабрдидагони муносибатҳои ғайриоинномавӣ қонеъ карда шуданд.

Аз ҷумла, бо ҳукми суди ҳарбии гарнизони Душанбе ба волидайни сарбози фавтида Р.Ф., ки дар қисми ҳарбии 0408 Вазорати мудофиа дар шаҳри Конибодом адои хизмат мекард, 5 ҳазор сомонӣ ва ба волидони сарбоз А.Қ., ки дар натиҷаи муносибати бераҳмонаи ҳамхизматонаш фавтида буд, 3 ҳазор сомонӣ ҷуброни зарари маънавӣ рӯёнида шудааст. Ба шаҳрванд Ш.М., ки соли 2014 дар рафти адои хизмат дар натиҷаи муносибати бераҳмонаи ҳамхизматонаш маъюб гардида буд, суди мазкур 4 ҳазор сомонӣ ҷуброни зарари маънавӣ таъин намудааст.

Яке аз марҳилаҳои муҳими уҳдадории умумии ҳарбӣ даъват ба хизмати ҳарбӣ мебошад. Дар баробарии беҳтар шудани вазъи таъминоти моддӣ-техникии ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳ қонунгузории амалкунанда низ, ки масъалаҳои даъват ва адои хизмати ҳарбиро танзим менамоянд пайваста такмил ёфта, барои ҳавасманд намудани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ мусоидат мекунанд. Сол то сол зиёд шудани сафи онҳое, ки барои адо намудани хизмати ҳарбӣ ихтиёран ба комиссариатҳои ҳарбӣ ҳозир мешаванд, ба ин мисол шуда метавонад.

Ҳамзамон дар масъалаи риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ баъзе мушкилиҳо дида мешаванд. Маълумотҳои дар воситаҳои ахбори омма дарҷгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳарчанд ҳолатҳои тариқи иҳотагирӣ (облава) дастгир кардани ҷавонон барои

равон кардан ба хизмати ҳарбӣ кам шуда бошанд ҳам, то ҳол ба пуррагӣ аз байн нарафтааст. Тибқи маълумоти Вазорати мудофиа дар соли 2017 52 мурочиат оид ба вайрон кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ба қайд гирифта шудааст.

Мутобиқи моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» онҳое, ки таҳсилоти олии омӯзгорӣ доранд ва доимӣ дар вазифаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимоти умумӣ кор мекунанд, дар давраи амалӣ кардани ин фаъолият муҳлати даъват ба хизмати ҳарбии онҳо ба таъхир гузошта мешавад. Аммо, дар баъзе мавридҳо ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ меъёри моддаи мазкур вайрон карда мешавад. Масалан, соли 2017 кормандони комиссариати ҳарбӣ омӯзгори муассисаи таълими умумии №57 ноҳияи Восеъ Ф.Б.-ро ҳангоми гузаронидани машғулият аз синфхона бе додани даъватномаи пешакӣ ба комиссариати ҳарбӣ оварданд.

Соли 2017 ба мақомоти ВҲИ 3 мурочиат оид ба вайронкунии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ ворид гардидааст.

Масалан, шаҳрванд Р.Қ. ба мақомоти ВҲИ мурочиат намуда, оид ба расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба саломатии писараш Р.А., ҳангоми адои хизмат дар қисми ҳарбии 0409 Қушунҳои сарҳадии КДАМ, воқеъ дар ноҳияи Дарвози ВМКБ шикоят намудааст. Мурочиати мазкур тибқи тобеият ба Сарпрокуратураи ҳарбӣ ирсол карда шуд. Тибқи ҷавоби Сарпрокуратураи ҳарбӣ нисбати гумонбаршуда - сержанти хурд Ҳ.И. бо моддаи 391 қ. 1 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, барои пешбурди тафтишоти пешакӣ ба прокуратураи ҳарбии гарнизони Хоруғ фиристода шудааст. Дар натиҷаи мурочиати такрории Р.Қ. парвандаи мазкур бо моддаи 391 қ. 2 КҶ ҶТ аз нав банду баст карда шуда, бо ҳукми суди гарнизони Хоруғ нисбати сержанти хурд Ҳ.И. чораи ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол татбиқ гардидааст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

**– тақвияти тадбирҳои иттилоотию ҳавасмандгардонӣ ба аҳолӣ ҷиҳати ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани ҷавонон;**

**– идома додани чорабиниҳои омӯзишию иттилоотӣ бо хизматчиёни ҳарбӣ дар масъалаҳои роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ.**

## 2.4. Баробарии гендерӣ

Баробарии занону мардон дар санадҳои байналмилалӣ ба мисли Эъломияи ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон (с. 1954), Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (с. 1979), Эъломияи Вена ва Барномаи амалҳо (с. 1993), Эъломияи СММ дар бораи барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон (с. 1993), Эъломияи Пекин ва Барномаи амалҳо (с. 1995), Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (с. 1999) ва дигарҳо пешбинӣ шудаанд.

Ҷиҳати таъмини баробарии мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои миллӣ, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020», Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи

давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи ҶТ аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022 ва дигарҳо қабул шудаанд.

Татбиқи стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар самти мазкур имкон доданд, ки нақш ва мавқеи занон дар сохторҳои давлатӣ сол аз сол баланд гардида, онҳо иштирокчии фаъоли ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гарданд. Айни ҳол аз ҳисоби занон 18 нафар ба ҳайси узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони МО ҶТ ва 6 нафар ҳамчун роҳбарони аввали мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳурӣ кору фаъолият мекунанд.

Тибқи маълумоти Агентии хизматии давлатии назди Президенти ҶТ ба ҳолати 1 октябри соли 2018 аз 19 239 нафар хизматчиёни давлатӣ 4362 (22,6%) нафарро занон ташкил дода, 1098 (18,9%) нафар занҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд.

Барои ҷалби занон ба хизмати давлатӣ бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 апрели соли 2016 барои занон ҳангоми гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ имтиёз дар шакли се холи иловагӣ муқаррар карда шудааст.

Дар Паёми Президенти ҶТ аз 22 декабри соли 2016 ба Маҷлиси Олӣ оид ба муқаррар намудани квота ҷиҳати ҷалб кардани занону духтарон ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ, хадамоти алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ, имтиёзҳо дар зинаҳои гуногун барои занону духтарон дастур дода шудааст.

Ҳамзамон дар самти баробарии занону мардон баъзе мушкилот ҷой доранд. Аз ҷумла, мавҷудияти одатҳо ва қолабҳои манфии замони гузашта, аз қабили тақсимоти нобаробари уҳдадориҳои оилавӣ, дастрасӣ ба таҳсил, ба кор ва ғайра ҳуқуқу имкониятҳои занонро маҳдуд намуда, ба баробарии занону мардон монеа эҷод мекунанд. Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон аз натиҷаи

баррасии Маърӯзаи даврии муттаҳидаи чорум ва панҷуми Тоҷикистон тавсия додааст, ки оид ба қабули Стратегияи маҷмӯӣ ҷиҳати тағйир ва барҳам додани муносибатҳои замони гузашта ва қолабҳо, ки ҳуқуқҳои занонро маҳдуд мекунанд, чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Солҳои охир зиёд шудани ҳолатҳои бекор кардани ақди никоҳ нигаронкунанда мебошанд. Тибқи маълумоти Вазорати адлияи ҶТ соли 2017 10 100 ҳолати бекор кардани ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки 1209 адад нисбат ба соли 2016 бештар мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии бекор шудани ақди никоҳ носозгорӣ дар оила, паст будани сатҳи зиндагӣ, вобастагии иқтисодӣ, бекорӣ, қолабҳои куҳна дар муносибатҳои оилавӣ, зӯроварӣ дар оила, никоҳи бармаҳал ва ғайраҳо ба шумор меравад. Бекоршавии никоҳ хусусан ба занону кӯдакон мушкилоти навро ба монанди тақсими молу мулк, маскункунӣ, пардохти алимент ва ғайраҳо пеш меорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии барҳамхӯрии оилаҳо никоҳи бармаҳал мебошад. Ба ғайр аз ин никоҳҳои бармаҳал осебпазирии шахсони ба синни никоҳӣ нарасидаро зиёд мекунанд.

Давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба Шарҳи умумии даврии дуюми Тоҷикистон тавсия пешниҳод намуданд, ки бастани никоҳҳои бармаҳал пешгирӣ карда шаванд.

Дар ин раванд ситонидани алимент яке аз мушкилоти асосӣ ба шумор меравад. Новобаста аз он ки тибқи созишномаи тарафҳо ё қарори суд алимент бояд ситонида шавад, бинобар бекор будан ё дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани баъзе алиментсупорандагон он саривақт пардохт нашуда, вазъи таъминоти фарзандонро вазнин мегардонад. Андозаи алименти ситонидашаванда низ нокифоя мебошад.

Ҷорӣ кардани «Феҳристи қарздорон», ки тибқи он, аз ҷумла қарздорон аз алимент низ наметавонанд ҳудуди ҷумҳуриро тарк

намоянд, мувофиқи мақсад буда, он дар дигар кишварҳо самаранок истифода бурда мешавад.

Санади асосии байналмилалии муқарраркунандаи ҳуқуқи занон - Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон давлатҳоро вазифадор мекунад, ки татбиқи амалии принсипи баробарҳуқуқии мардону занон, ҳифзи ҳуқуқи занонро дар асоси баробарӣ бо мардон таъмин намуда, тамоми тадбирҳои дахлдорро барои барҳам додани табъиз нисбати занон таъмин намоянд. Тоҷикистон дар байни кишварҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда Конвенсияи мазкур ва Протоколи иловагӣ ба онро ба тасвиб расонида, оид ба иҷрои он се маротиба Гузоришҳои даврии миллии худро пешниҳод намудааст.

Бо мақсади иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон ба маърӯзаи даврии муттаҳидшудаи чорум ва панҷуми Тоҷикистон соли 2017 Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба бартарафсозии қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила таъсис дода шуд, ки намояндаи ВҲИ ба ҳайати Гурӯҳи мазкур шомил мебошад.

Баробарии гендерӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ВҲИ буда, дар ин самт ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудаанд.

Соли 2017 дар Дастгоҳи марказии мақомоти ВҲИ 295 мурожиатҳои занон (129 - хаттӣ ва 166 – шифоҳӣ) ба қайд гирифта шудаанд, ки 52% шумораи умумии мурожиатҳоро ташкил медиҳанд.

Таҳлили мурожиатҳои ба Дастгоҳи ВҲИ воридшудаи занон нишон медиҳанд, ки онҳо асосан оид ба масъалаҳои маскун намудан ва ё кӯчонидан аз манзил, рӯёнидани алимент, ҳуқуқи занони маҳкумшуда, барқарор кардан ба кори пештара,

норозигӣ аз шароити меҳнат, иҷрои санадҳои судӣ ва дигарҳо шикоят намудаанд.

Масъалаҳои баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ тавассути васоити ахбори омма ва додани маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ташвиқу тарғиб карда мешаванд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба баробарии гендерӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– тақвияти корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ барои аз байн бурдани қолабҳои манфии замони гузашта;**

**– такмили қонунгузорӣ оид ба маскункунӣ ба манзил ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ин самт;**

**– таъсис додани Феҳристи қарздорон.**

## 2.5. Пешгирии зӯроварӣ дар оила

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи пешгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, барои пешгирӣ ва аз байн бурдани ин кирдори номатлуб корҳои зиёдеро анҷом додааст. Бо ин мақсад Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014-2023» қабул карда шудааст.

Зӯроварӣ дар оила ҳуқуқу озодиҳои аъзои дигари оила, бахусус занон ва кӯдаконро вайрон намуда, дар баъзе мавридҳо ба барҳамхӯрии оилаҳо ва худкушии ҷабрдидагон оварда мерасонад.

Тибқи маълумоти ВКД оид ба иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба ҳолати 31 декабри соли 2017 2911 муроҷиатҳо санҷида шуданд. Аз натиҷаи санҷиш 911 адад амрномаҳои муҳофизатӣ нисбати шахсони содирнамудаи зӯроварӣ дар оила татбиқ гардида, 2708 сӯҳбатҳои хусусияти тарбиявидошта гузаронда шуда, 37 нафар ҷабрдидагон ба Марказҳои барқарорсозӣ ва иҷтимоӣ ҷойгир карда шуданд.

Ҳамчунин аз ҷониби 14 нозири милитсия оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, ки дар шаҳри Душанбе (5 нафар), вилояти Хатлон (4 нафар), вилояти Суғд (3 нафар), ВМКБ (1 нафар) ва минтақаи Рашт (1 нафар) фаъолият мекунанд, 531 арзу шикоятҳо санҷида шудааст. Дар натиҷа 297 адад амрномаҳои муҳофизатӣ (тавассути ШВКД) татбиқ гардида, 526 суҳбатҳои хусусияти тарбиявидошта гузаронда шуда, 182 нафар ҷабрдидагон ба Марказҳои барқарорсозӣ ва иҷтимоӣ фиристода шуданд.

Дар соли 2017 аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ фаъолияти нозирони минтақавии ШВКД-1 ва 2 ноҳияи Фирдавсӣ ва ШВКД-2 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мавриди санҷиш қарор дода шуданд. Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки дар баробари пешравиҳо дар фаъолияти нозирони минтақавӣ камбудиҳо, ба мисли иҷро нашудани нақшаи корӣ, таъмин нашудан бо санадҳои дахлдори соҳавӣ, тартиб дода нашудани парванда аз рӯи мурочиати шаҳрвандон, кам гузаронидани вохӯриҳо бо аҳолӣ ва ташвиқоту тарғибот дар ВАО ва ғайраҳо ҷой доранд. Аз натиҷаи санҷиш ба нозирон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаи санҷишҳо ва таҳлили қонунгузорӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила нишон медиҳанд, ки баъзе мушкилиҳо ҳануз ҳам дар ин самт ҷой доранд. Кам мурочиат намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила барои ҳифзи ҳуқуқи худ ба мақомотҳои дахлдор, нокифоя будани Марказҳои барқарорсозӣ ва иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони амалҳои зӯроварӣ дар оила, шумораи ками нозирони минтақавии милитсия оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, паст будани маърифати оиладорӣ, номукаммал будани қонунгузории соҳа ва ғайраҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Аз ҷумла, татбиқи амалии Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» нишон дод, ки баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур дар он танзими ҳуқуқии худро наёфтааст. Дар

қонун мафҳумҳои «оила», «аъзои оила» ва «пешбурди хоҷагии умумӣ» шарҳ дода нашудаанд. Ҳамчунин меъёрҳои мушаххас оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ (ройгон ё музднок) ба ҷабрдидагон ҳангоми муроҷиат намудани онҳо ба субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила, гирифтани хулосаи экпертизаи судии тиббӣ (ройгон ё музднок), даъвати шоҳидон аз ҷониби субъекти дахлдор, вақти аниқи қабули амрномаи муҳофизатӣ ва механизми назорати иҷрои он пешбинӣ нашудаанд.

Надодани баҳои дурусти ҳуқуқӣ ба кирдори зӯроварӣ дар оила, баъзан боиси оқибатҳои вазнин, аз қабили даст ба худкушӣ задан, ҷудошавии оилаҳо, таъсири манфии рӯҳӣ ва равонӣ ба аъзои оила, махсусан занону кӯдакон мегардад.

Мақомоти шартномавии СММ оид ба ҳалли масъалаҳои зӯроварӣ дар оила ба Тоҷикистон тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуданд, ки марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодаанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи пешгирии зӯроварӣ дар оила тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– зиёд намудани шумораи Марказҳои барқарорсозӣ ва иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони амалҳои зӯроварӣ дар оила;**

**– зиёд намудани шумораи нозирони минтақавии милитсия оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила;**

**– тақвият додани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила;**

**– мукаммал гардонидани қонунгузории миллӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила.**

### 2.6. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо

Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ санади асосии байналмилалии самти мазкур - «Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо»-ро тасдиқ ва санадҳои миллиро ба он мутобиқ намудааст. Ҳамзамон Лоиҳаи

Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» дар таҳрири нав дар баррасӣ қарор дорад. Дар ин самт бо кишварҳои асосии қабули муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Қазоқистон, Белорусия ва дигарҳо созишномаҳои ҳамкорӣ баста шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар соли 2017 аз ҷумҳурӣ 487 757 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ба ФР 475 219 нафар ва ба Қазоқистон 12 336 нафар сафар намудаанд. Аз шумораи умумии муҳоҷирон 419 721 нафарашон мардон ва 68 036 нафарро занон ташкил медиҳанд. Коршиносон ҷавоншавии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистонро қайд мекунанд. Дар раванди мазкур бештар шаҳрвандони синну соли аз 18 то 45 сола иштирок мекунанд. Омор нишон медиҳад, ки барои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ФР кишвари аз ҳама диққатҷалбкунанда ва дастрас мебошад, ки дар он зиёда аз 90% муҳоҷирони меҳнатӣ кору фаъолият менамоянд.

Шумораи муҳоҷирони меҳнатии ҷумҳурӣ, ки фаъолияти худро дар ҳудуди ФР тавассути патент амалӣ менамоянд сол аз сол зиёд шуда, айни ҳол 430 171 нафарро ташкил медиҳад. Навобаста аз ин раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дорои мушкилиҳои ба худ хос мебошад. Аз ҷумла, будубош ва фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ, надонистан ва риоя накардани қонунгузорӣ, забон ва урфу одатҳои кишвари қабул, надоштани касбу ихтисоси ҷавобгуи талаботи бозори меҳнат, дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудани омодасозии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохили кишвар, вайроншавии ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми раванди муҳоҷират ва ғайраҳо аз қабили онҳоянд.

Дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудани омодасозии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ва надоштани касбу ихтисоси ҷавобгуи талаботи бозори меҳнат масъалаҳое мебошанд, ки бояд дар дохили кишвар ҳаллу фасл гарданд.

Ҳарчанд дар ҷумҳурӣ 10 Муассисаи давлатии «Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ» таъсис дода шуда бошанд ҳам, айни замон танҳо 4 адади онҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва Бохтар амал мекунанд, ки ин кофӣ нест. Муассисаҳои боқимонда бо сабабҳои молиявӣ фаъолият намекунанд.

Омӯзиши фаъолияти Марказҳои мазкур дар шаҳри Душанбе ва Бохтар, ки аз ҷониби мақомоти ВҲИ гузаронида шуд, нишон дод, ки дар самти омӯзиши касбӣ ва забономӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ баъзе мушкилот ҷой дорад. Аз ҷумла, таҷҳизотҳо, технологияҳо ва барномаҳои таълимие омӯзонида мешаванд, ки айни ҳол дар ФР истифода бурда намешаванд. Сатҳи тахассусии омӯзгорони муассисаҳо низ ба такмил ниёз дорад. Заминаи нокифояи таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ имконият намедиҳад, ки дар ин марказҳо дар муҳлати кӯтоҳ (1-2 моҳ) муҳоҷирони меҳнатӣ барои донистани забонҳо омода карда шаванд.

Бо мақсади аз тариқи муташаккилона ба хориҷи кишвар барои кор фиристонидани муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ба 9 субъекти хоҷагидор иҷозатнома дода шудааст. Тавассути чунин субъектон дар соли 2017 ҳамагӣ 1134 нафар шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ба тариқи муташаккилона бо ҷойи кор таъмин карда шудаанд.

Дар самти мазкур аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ фаъолияти МД «Агентии бо кортаъминкунӣ дар хориҷа» низ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Омӯзиш нишон дод, ки аз ҷониби муассисаи мазкур дар соли 2017 ҳамагӣ 131 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа бо ҷойи кор таъмин гардидаанд, ки ниҳоят кам мебошад.

Масъалаи омӯзонидани қонунгузорӣ, забон ва урфу одатҳои кишвари қабул низ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст, ки дар навбати худ будубоши онҳоро дар муҳоҷирати меҳнатӣ душвор мегардонад.

Вайроншавии ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз мушкилоти дигари раванди муҳоҷират мебошад. Татбиқи ҷазои берункунии маъмурӣ барои вайронкунии на он қадар вазнини қоидаҳои зист ва фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди ФР солҳои охир бештар гардидааст. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ФР (моддаҳои 18.8 ва 18.10) барои вайрон намудани қоидаҳои будубош ва машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ҷазои берункунии маъмуриро ба сифати ҷазои иловагӣ пешбинӣ намудааст, ки истифодаи он аз ҷониби суд бояд асоснок карда шавад. Дар амал муқаррароти Кодекси мазкур нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ мунтазам вайрон карда мешавад.

Тибқи мониторинги Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Кумитаи «Мусоидати шаҳрвандӣ» дар солҳои 2013-2015 аз ҷониби судҳои ФР 513 289 қарор дар хусуси берункуни маъмурӣ қабул карда шудааст, ки аз онҳо 503 873 (98%) ададашон тибқи моддаҳои 18.8 ва 18.10 Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ФР қабул шудаанд. Аз ҷониби судҳои ноҳияҳои шаҳри Москва бошад дар ин солҳо 154 494 қарор қабул карда шудааст, ки 153 297 (99%) адади қарорҳо тибқи моддаҳои 18.8 ва 18.10 қабул шудаанд. Рақамҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи парвандаҳои маъмурии аз ҷониби судҳо тибқи ин ду модда баррасишуда аз шумораи умумии ҳамаи дигар парвандаҳои маъмурии баррасишуда ниҳоят зиёданд.

Аз натиҷаи мониторинг бармеояд, ки мурофиаҳои судҳои ноҳияҳои шаҳри Москва оид ба берункунии маъмурии муҳоҷирони меҳнатӣ дар бисёр ҳолатҳо бо вайронкуниҳои зиёди меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси зикргардида, ба мисли баррасии дастаҷамъонаи парвандаҳо бе омӯзиши дахлдори ҳолатҳои ҳар як парванда, ба шахсони ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидашаванда нафаҳмонидани ҳуқуқи онҳо, эълон накардани протоколи вайронкунии маъмурӣ, ба эътибор нагирифтани зарурати ҷалб намудани тарҷумон гузаронида мешаванд. Инчунин, ҳолатҳои умуман нагузаронидани маҷлиси судӣ ва нисбати шаҳрванди хориҷӣ қабул намудани нусхаи

омодашудаи қарори судӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар натиҷа миқдори қарорҳои судии бе асосҳои кофӣ қабулшаванда зиёд шуда, қарорҳои мазкур дар аксар мавридҳо бе риояи принсипҳои адолатнокӣ ва гунаҳгории фардӣ қабул мешаванд ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурии содиршуда, шахсият ва вазъи молумулкии гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ба инобат гирифта намешаванд.

Фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ яке аз сабабҳои асосии ба мушкилиҳо мувоҷеҳ шудани муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Баста нашудани шартномаи меҳнатӣ дар байни корфармо ва муҳоҷири меҳнатӣ боиси саривақт нагирифтан ё умуман нагирифтани музди меҳнат, бархӯрдор нашудан аз кафолатҳои иҷтимоӣ ва ғайра мегардад. Муҳоҷирони меҳнатии вазъи расмӣ надошта, бахусус занон ва ҷавонон барои ғуломӣ, меҳнати маҷбурӣ, шомил шудан ба гуруҳҳои ифротгарову террористӣ осебпазир гашта, бештар мавриди табъизу зӯроварӣ ва истисмори меҳнатӣ қарор мегиранд.

Соли 2017 14,0% муҳоҷирони меҳнатиро занон ташкил доданд. Занон - муҳоҷирони меҳнатӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба мушкилиҳои зиёд, ба мисли бархӯрдор нашудан аз ҳифзи иҷтимоӣ (рухсатиҳо, кӯмакпулиҳо), ҳифзи ҳуқуқӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, маоши паст, саломатии репродуктивӣ, табъизу зӯроварӣ, дур мондан аз тарбияи фарзандон ва дигарҳо дучор мешаванд.

Мушкилоти суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақавии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳалли худро наёфтааст. Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ, ки муддати муайян дар дигар кишварҳо кор карда, аъзоҳаққии суғуртавӣ пардохт намудаанд, бинобар дар сатҳи байнидавлатӣ ҳалли худро пайдо накардани ин масъала аъзоҳаққии онҳо дар фонди нафақавии ин кишварҳо мемонад ва давраи фаъолияти онҳо ба собиқаи суғуртавӣ дар Ҷумҳурӣ ворид карда намешавад, ки дар натиҷа онҳо аз гирифтани андухти нафақавӣ маҳрум мешаванд.

Ҳолатҳои фавти шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар мушкилоти вазнин боқӣ мондааст. Тибқи маълумоти ВКД ҶТ дар соли 2017 873 (с. 2016 - 840) ҷасади шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба Тоҷикистон оварда шуданд, ки сабаби фавти 28 (с. 2016 - 48) нафари онҳо куштор мебошад.

Дар вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти ФР В.Путин, ки 27 феврали соли 2017 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, иқдоми пешниҳоднамудаи Президенти ҶТ дар хусуси авфи муҳоҷирони меҳнатии ҶТ аз ҷониби ФР пазируфта шуд. Дар асоси созиши бамиёномада аз 25 март то 24 апрел 102 576 нафар шаҳрвандони ҶТ авф шуданд. Инчунин, 19 528 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар давраи афв дар ҳудуди ФР қарор доштанд, будубошашонро расмӣ намуданд.

Дар Тоҷикистон низ ҷиҳати аз нав ворид шудани (реинтегратсияи) муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷомеа як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ соли 2017 4000 нафар муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти ВҲИ ба ҳисоб рафта, бо ин мақсад дар мақомоти ВҲИ шаклҳо ва тарзҳои гуногуни кор, аз ҷумла, баррасии муроҷиатҳо, иштирок дар чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ ва байниидоравӣ ва баромаду корҳои фаҳмонидадиҳиро дар ВАО ба роҳ монда шудааст.

Соли 2017 аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ба мақомоти ВҲИ 108 муроҷиат ворид гардидааст. Онҳо оид ба масъалаҳои аниқ намудани ҷойи будубоши наздикон, ворид шудан ба ҳудуди ФР, бекор кардани манъи воридшавӣ ба ҳудуди ФР, гирифтани нусхаи шаҳодатномаи таваллуд ва дигар масъалаҳо муроҷиат намуданд. Аз ҷониби кормандони

мақомот ВҲИ машваратҳои ҳуқуқӣ дода шуда, дар ҳалли чанде аз онҳо мусоидат карда шуд. Аз ҷумла, ба шаҳрванд А.С. барои гирифтани иҷозати воридшавӣ ба ФР ва ба шаҳрванд М.Х. барои гирифтани ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият мусоидат карда шуд.

Соли 2017 кормандони Дастгоҳи ВҲИ оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ 3 маротиба дар телевизион, 5 маротиба дар радио баромад намуда, 2 мақола дар сомонаи ВҲИ нашр карданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар шудани вазъи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират».**

**– андешидани чораҳо оид ба баланд бардоштан ва беҳтар намудани сатҳи омодагии касбӣ ва пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ;**

**– тақвияти корҳо ҷиҳати омӯзиши қонунгузорӣ, забон, урфу одатҳои кишвари қабул барои муҳоҷирони меҳнатӣ;**

**– ба имзо расондани Созишномаҳо «Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ (нафақаи суғуртавӣ)» бо кишварҳои қабули муҳоҷирони меҳнатӣ;**

**– таҳия ва амалӣ намудани механизми реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷомеа.**

## 2.7. Ҳуқуқи маъюбон

Дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати маъюбон таъминоти иҷтимоӣ кафолат дода шудааст. Ҳифзи ҳуқуқҳои маъбон бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» танзим гардида, ҷиҳати тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ ва солимгардонии маъюбон Стратегияи миллии солимии аҳолии ҶТ барои солҳои 2010-2020, Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020 ва дигар санадҳо қабул карда

шудаанд.

Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон шартномаи байналмилиест, ки дар он ҳуқуқҳои маъюбон бо тартиби муайян ба танзим дароварда шудааст. Конвенсияи мазкур ва Протоколи иловагӣ ба он 13 декабри соли 2006 қабул гардидааст ва ба ҳолати ноябри соли 2017 175 давлат ба он ҳамроҳ шудаанд. Тоҷикистон дар арафаи ҳамроҳшавӣ ба Конвенсия қарор дорад. Ба имзо расонидани Конвенсияи мазкур нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳким мебахшад. Дар ин робита ВҲИ дар маърӯзаҳои пешинаи худ тавсияҳои дахлдор пешниҳод намудааст.

Тибқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ зиёда аз 1 миллиард аҳолии сайёраи замин ин ё он шакли маъюбӣ доранд, ки аксари онҳо дар кишварҳои сатҳи даромадашон паст зиндагӣ мекунанд.

Маъюбон табақаи осебпазири ҷомеа буда, ба дастгирӣ ва ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Онҳо бештар ба табъиз ва вайроншавии ҳуқуқашон рубару мешаванд.

Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҶТ ба масъалаҳои дастгирӣ, пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои маъюбон диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ба ҳолати 1 январи соли 2018 шумораи маъюбон 146 725 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 69 728 нафар занон ва 76 997 нафар мардон мебошанд. Маъюбони гурӯҳи якум 17 607 нафар, гурӯҳи дуюм 89 503 нафар ва гурӯҳи сеюм 39 615 нафар мебошанд. Соли 2017 аз ташхиси тиббию иҷтимоии такрорӣ 29 347 нафар маъюбон гузаштанд ва бо сабаби барқарор шудани вазъи саломатӣ гурухи маъюбии 4353 нафар қатъ гардидааст.

Аз рӯи маълумоти пешниҳоднамудаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ ба ҳолати 1 январи соли 2018 теъдоди шаҳрвандоне, ки аз рӯи маъюбӣ нафақа мегиранд, 146 725 нафарро ташкил медиҳанд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2017 22 137 нафар зиёд мебошанд.

Таъмини ҳуқуқу озодиҳои маъюбон дар бисёр мавридҳо аз риояи принсипи дастрасӣ алоқамандӣ дорад. Маъюбон бештар ба манзил ва нақлиёти барои онҳо муҷаҳҳазшуда, таъмин шудан бо кор, ба маводҳои доруворӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ, ба объектҳои фарҳанг, иттилоот эҳтиёҷ доранд.

Мутаассифона муҳити дастрас ба маъюбон дар сатҳи пурра таъмин карда нашудааст. Яке аз монеаҳои асосӣ барои маъюбон ин дастрасӣ ба биноҳои истиқоматӣ мебошад, ки қисме аз онҳо пандус, дастқаппакҳо ва лифт надоранд.

Истифодаи нақлиёт низ барои маъюбон душвориҳои худро дорад. На ҳама нақлиёти ҷамъиятӣ бо таҷҳизоти махсуси истифодаи аробачаҳои маъюбӣ ва эълонкунандаи истгоҳҳо таъмин мебошанд. Аксарияти чорроҳаҳо бо чароғакҳои махсус ва роҳравҳои пиёдагардон бо пандусҳо таҷҳизонида нашудаанд. Иттилоот барои маъюбони нобино бо алифбои Брайл ва маъюбони ношунаво бо забони имову ишора дар сатҳи кофӣ дастрас нестанд. Барномаҳои телевизионӣ низ бо субтитрҳо ва сурдотарҷумонҳо таъмин карда нашудаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри соли 2017 қайд намуданд, ки «масъалаҳои вобаста ба тайёр кардани кадрҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии кори иҷтимоӣ ва таъмини муҳити дастрас барои маъюбон беҳбудиро тақозо доранд» ва ба мақомоти дахлдор супориш доданд, ки мушкилоти мавҷудаи самти мазкурро ҳал намоянд.

Новобаста аз он ки қонунгузорӣ барои бо кор таъминшавии маъюбон як қатор имтиёзҳоро муқаррар кардааст, дар ин самт мушкилот ҷой дорад. Аз ҷумла, таъсис додани теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои маъюбон пурра иҷро намегардад, корфармоён бо сабабҳои гуногун маъюбонро ба кор қабул намекунанд ё қабул кунанд ҳам, ҷойҳои кории каммузд ва камдархостшавандаро пешниҳод менамоянд.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар соли 2017 аз ҳисоби квотаҳо ҳамагӣ 166 нафар шахсони маъюб бо кор таъмин шудаанд, ки ин хеле кам аст. Дар низоми хизмати давлатӣ низ ҳамагӣ 12 нафар (4 нафар зан) маъюбон фаъолият мекунанд.

Маъюбон на дар ҳамаи ҳолатҳо ҳуқуқи худро ба интихоботу райъпурсӣ амалӣ карда метавонанд. Масалан, қисме аз қитъаҳои овоздиҳӣ ҳангоми интихобот ба эҳтиёҷоти маъюбони аз аробачаҳои маъюбӣ истифодабаранда мутобиқ нагардида, бюллетенҳои интихоботӣ бо ҳуруфи Брайл чоп намешаванд.

Сатҳи ками даромад ва андозаи нафақаи маъюбон барои нигоҳ доштани сатҳи кофии зиндагӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти асосии онҳо ва оилаашон нокифоя мебошад.

Фаъолияти самараноки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маъюбон муҳим аст. Айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 170 ташкилотҳои маъюбон ба қайд гирифта шудаанд, ки ҷиҳати пешбурди ҳуқуқҳои маъюбон саҳмгузорӣ менамоянд. Вале дар фаъолияти онҳо баъзе мушкилиҳо, ба монанди надоштани бинои корӣ ва имконияти дастрасӣ ба грантҳо, нарасидани маводҳои иттилоотӣ, таҷҳизоти моддӣ-техникӣ ва дигарҳо ба назар мерасанд.

Мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи маъюбон ва ба тасвиб расонидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон яке аз афзалиятҳои муҳими Стратегияи рушди мақомоти ВҲИ барои солҳои 2016-2020 арзёбӣ гардидааст.

Соли 2017 ба Дастгоҳи ВҲИ маъюбон асосан оид ба масъалаҳои руёнидани маблағи қарзӣ, вайроншавии эҳтимолии ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, мусоидат барои гузаронидан аз як Хона-интернат ба Хона-интернати дигар, иҷро нашудани санади судӣ оиди пардохти алимент ва дигар масъалаҳо муроҷиат намудаанд. Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мазкур аз ҷониби кормандони ВҲИ мусоидат карда шудааст.

Бо мақсади муайян намудани вазъи таъмини муҳити дастрас барои маъюбон аз ҷониби кормандони мақомоти ВҲИ дар ноҳияи Қубодиён, шаҳрҳои Хуҷанд ва Гулистони вилояти Суғд санҷишҳо гузарониданд. Санҷишҳои мазкур нишон доданд, ки дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда аксарияти биноҳо солҳои пешин сохта шуда, бо пандусҳо таҷҳизонида нашудаанд. Баъзе биноҳои навбунёдшуда низ ба талаботи Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии ҶТ 35-01-2012 оид ба дастрасии бино ва иншоот барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ мутобиқат намекунанд. Масалан, дар ноҳияи Қубодиён биноҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, дорухонаҳо, марказҳои савдо ва дигар инфрасохторҳо, дар шаҳри Хуҷанд биноҳои Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, идораи САҲШ, Қасри фарҳанг, меҳмонхонаҳо, Театри наврасон, дорухонаҳо, марказҳои савдо ва дигар инфрасохторҳо ва дар шаҳри Гулистон биноҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Маркази саломатии шаҳрӣ, шуъбаи маориф, МТМУ №1, идораи САҲШ, дорухонаҳо, марказҳои савдо ва дигар инфрасохторҳо ба эҳтиёҷоти маъюбон ҷавобгӯ нестанд.

Аз натиҷаи санҷишҳо ба мақомоти дахлдори ин маҳалҳо тавсияҳои зарурӣ оид ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ирсол карда шуданд.

Аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ бо иштироки кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мавзӯи «Санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи маъюбон ва тасмими Тоҷикистон барои ҳамроҳшавӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон» 20 апрели соли 2017 дар ноҳияи Қубодиён ва 17 майи соли 2017 дар шаҳри Хуҷанд семинарҳо гузаронида шуданд.

Инчунин кормандони мақомот оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи маъюбон дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ баромадҳо намуданд. Дар Сомонаи ВҲИ саҳифаи алоҳида бо номи «Шахсони имконияташон маҳдуд» ташкил ва дар он

маълумотҳои зарурӣ оид ба маъюбон, аз ҷумла санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ ҷой дода шуда, маводҳои он пайваста нав карда мешаванд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

**– тақвияти корҳо оид ба таъмин намудани муҳити дастрас (биноҳо, нақлиёт, роҳ ва ғ.), иттилоот (сурдотарҷумон ва субтитр), алифбои Брайл ва забони имову ишора ба маъюбон;**

**– андешидани чораҳо оиди бо кор таъмини намудани маъюбон ва мониторинги раванди мазкур;**

**– дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани квота ва имтиёзҳо барои дохил шудани маъюбон ба хизмати давлатӣ;**

**– ҳамроҳ шудан ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон.**

# ХОТИМА

Дар Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2017 самтҳои асосии фаъолияти мақомоти мазкур, вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар қисми аввали Маърӯза дастоварду мушкилоти мавҷуда дар самти кор бо муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ, ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ инъикос гардидаанд.

Аз Маърӯза бармеояд, ки сатҳу сифати корҳо дар самти қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои мақомоти ВҲИ хусусияти меҳварӣ дорад. Соли 2017 дар мақомоти ВҲИ 3864 адад (с. 2016 - 3558) муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки 306 адад назар ба соли 2016 зиёд аст. Аз онҳо 739 адад ё 19,1% хаттӣ ва 3125 адад ё 80,9% шифоҳӣ мебошанд. Аз шумораи умумии муроҷиатҳо дар Дастгоҳи марказӣ 571 адад ё 14,7 %, дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 3293 адад ё 85,3% баррасӣ карда шудаанд.

Аз 571 адад муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 252 адад (с. 2016 - 235) аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 319 адад (с. 2016 - 273) муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Дар соли 2017 дар муқоиса ба соли 2016 теъдоди муроҷиатҳо нисбат ба ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (13), ҳуқуқ ба меҳнат (3), ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (2), ҳуқуқ ба замин (3), ҳуқуқ ба моликият (4), ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа (4) ва ҳуқуқ ба саломатӣ (4) зиёд шуда, муроҷиатҳо оид ба ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ

(1), ҳуқуқ ба манзил (1), ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (9) кам гардидаанд.

Натиҷаи таҳлили муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2017 дар қиёс ба соли 2016 шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба мақомоти адлия, маориф ва илм, тандурустӣ ва мақомоти дигар давлатҳо бештар шикоят намудаанд. Шикоятҳо нисбат ба мақомоти судӣ, прокуратура ва корҳои дохилӣ кам шудаанд.

Дар ин давра дар Дастгоҳи марказии ВҲИ 10 адад муроҷиатҳои хаттии такрорӣ ба қайд гирифта шуда, тибқи тааллуқдориашон 5 адад ба мақомоти судӣ, 3 адад ба мақомоти прокуратура, 1 адад ба мақомоти корҳои дохилӣ ва 1 адад ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шуданд.

Дар Дастгоҳи марказии мақомот соли 2017 60 адад ё 10,5% (с. 2016 – 49) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (аз ҷумла 41 (с. 2016 – 26) муроҷиати хаттӣ ва 19 (с. 2016 - 23) муроҷиати шифоҳӣ) мусбат ҳал гардиданд.

Масалан, бо мусоидати мақомоти ВҲИ шаҳрванд Ҳ.У., ки ғайриқонунӣ аз кор озод карда шуда буд, ба ҷои кори пештарааш барқарор карда шуд, шаҳрванд Т.М. аъзои оилаи молик эътироф гардида, дар манзили истиқоматиаш ба қайд гирифта шуд, шаҳрванд С.К. дар МД «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» бистарӣ ва ба ӯ ёрии тиббии ройгон расонида шуд, шаҳрванд А.С. барои воридшавӣ ба қаламрави ФР иҷозат гирифт, шаҳрвандон Х.Т. ва З.М. бинобар надоштани манзили истиқоматӣ ба рӯйхати навбати аввали эҳтиёҷмандон барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ворид карда шуданд, ба шаҳрванди ФР Н.В. маълумотномаи тасдиққунандаи фаъолияти меҳнатӣ ва музди меҳнат ва ба шаҳрванди Украина Ж.Н. нусхаи шаҳодатномаи таваллуд дастрас карда шуд, пардохти нафақаи маъюбии маҳкумшуда Н.Р. дубора барқарор гардид.

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон кормандони мақомоти ВҲИ дар соли 2017 лоиҳаи 58 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, нисбати 38 лоиҳаи қонун, 1 лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ, 10 лоиҳаи Қарори Ҳукумати ҶТ, 1 лоиҳаи Фармоиши Ҳукумати ҶТ, 1 лоиҳаи Стратегия, 2 лоиҳаи Оиннома ва 5 лоиҳаи Консепсия хулосаҳо омода ва ирсол намуданд

Тибқи нақшаҳои корӣ ва дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2017 57 санҷишу мониторинг (35 санҷиш ва 22 мониторинг) (с.2016 - 68) гузаронида шуданд. Аз ҷумла, дар ин давра гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида оид ба риояи ҳуқуқҳои дастгиршудагон, маҳкумшудагон ва беморони руҳӣ 10 мониторинг гузарониданд.

Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор гузоришу тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кормандони мақомоти ВҲИ дар 18 (с. 2016 - 16) мурофиаҳои судӣ иштирок намуданд.

Соли 2017 ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, иттилоотонии мақомоти дахлдор ва масъулини соҳа аз ҷониби ВҲИ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст. Роҳбарият ва кормандони мақомот соли 2017 дар воситаҳои ахбори омма 273 (с. 2016 - 234) маротиба баромад ва мақола чоп намуданд, ки паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқҳои инсонро дар бар гирифта, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуданд.

Инчунин 225 маротиба вохӯриҳо ва машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо зиёда аз 30 000 нафар иштирок доштанд. Бо ибтикори мақомоти ВҲИ 39 (с. 2016 - 33) мизи мудаввар гузаронида шуданд. Аз ҷумла, тибқи

муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқ инсон дар доираи Ҳафтаи ҳуқуқи инсон чорабиниҳои мухталиф гузаронида шуданд.

Дар ин давра ҷиҳати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2012 №678 тасдиқ гардидааст, як қатор чораҳо амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, «Маҷмӯи маводҳо барои дарсҳои ҳуқуқи инсон» барои синфҳои 10 ва 11 ба забони давлатӣ тарҷума ва ба чоп омода карда шудааст.

Дар заминаи «Мактаби ҳуқуқи инсон» рӯзҳои 18-22 декабри соли 2017 барои 18 нафар кормандони вазорату идораҳои дахлдор бо иштироки коршиносони милливу байналмилалӣ тренинги омӯзишии якҷояи ВҲИ ва Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуд.

Соли 2017 ҷиҳати самаранок гардонидани фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар маҳалҳо тадбирҳои муайян андешида шуданд. Айни замон дар марказҳои вилоятҳо 3 Намояндагӣ ва дар шаҳру ноҳияҳо 6 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 12 нафар мутахассисон кор мекунанд. Онҳо ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ва пеш аз ҳама ба табақаҳои осебпазири он ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд.

Дар соли 2017 аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 3293 адад (с. 2016 - 3050) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо муроҷиатҳои хаттӣ 487 адад (с. 2016 - 376) ва муроҷиатҳои шифоҳӣ 2806 адад (с. 2016 - 2674)-ро ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин кормандони намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 221 (с. 2016 - 106) мизҳои мудаввар ва семинарҳо иштирок намуданд.

Соли 2017 ҳамкории мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои

илмӣ-таълимӣ ва ВАО ҷиҳати иҷрои нақшаҳои миллӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, дар доираи гуруҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо, пешниҳоди хулосаҳо ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, гузаронидани санҷишу мониторингҳо, баргузор намудани семинару машваратҳо ва баррасии муроҷиатҳо самарабахш буданд.

Дар ин давра бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо аз тарафи роҳбарияти мақомоти ВҲИ бо намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносони байналмилалӣ 43 (с. 2016 - 40) вохӯриву мулоқотҳо анҷом дода шуданд.

Соли 2017 ВҲИ ва кормандони Дастгоҳи он дар фаъолияти 29 гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон иштирок намуданд. Хусусан фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, иҷрои Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017, Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ, Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 самаранок буданд.

Соли 2017 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 336 613 сомонӣ ҷудо шуда буд, ки назар ба соли 2016 122 352 сомонӣ зиёд аст. Дар ин сол барои Дастгоҳи марказии ВҲИ ба маблағи 1 250 556 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои намояндагиҳои ВҲИ дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ба маблағи умумии 86 057 сомонӣ пешбинӣ гардида буд. Маблағҳои ҷудошуда мақсаднок истифода бурда шуданд. Соли 2017 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 333 547 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 27% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

Дар қисми дуюми Маърӯза вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо стандартҳои байналмилалии соҳа, ки аз паймонҳо ва конвенсияҳои соҳавӣ бармеоянд, мутобиқати қонунгузории миллӣ бо онҳо, иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба тавсияҳое, ки аз ҷониби сохторҳои марбутаи СММ пешниҳод шудаанд, рафти иҷрои Стратегияи фаъолияти ВҲИ барои солҳои 2016-2020, дастоварду мушкилоти ҷойдошта дар самтҳои афзалиятноки фаъолияи ВҲИ инъикос гардидааст.

Дар Маърӯза бо мақсади бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ва беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, оид ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф - 3, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида - 2, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ - 2, баробарии гендерӣ - 3, зӯроварӣ дар оила - 4, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо - 5, ҳуқуқи маъюбон - 4 ва дар маҷмӯъ 23 тавсия пешниҳод гардидааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон итминон дорад, ки Маърӯзаи мазкур дар мақомоти дахлдори давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда чораҳои мушаххас андешида мешаванд.